# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи «Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.07. – мардумшиносӣ, этнология ва антропология**

Диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар таърихнигории тоҷик доир ба мавзӯи ҷашну маросимҳои анъанавӣ-таквимии мардуми Рушон нахустин таҳқиқоти муфассал ба шумор рафта, он бо фарогирии сарчашмаҳо, натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроии худи диссертант ва таҳқиқоти олимони намоёни соҳаи мардумшиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Муайян аст, ки ҳар халқу миллатро дар баробари забон бо урфу одат, ҷашну маросим ва анъаноти он мешиносанд. Аксарияти ҷашну маросимҳои тоҷикон хусусияти таквимӣ-анъанавӣ доранд, аз ин лиҳоз таҳқиқи ҳисоби вақт ва ҷашну маросимҳои рушониён, ки дар баробари дигар тоҷикони кӯҳистонӣ маданияти моддӣ ва маънавии архаистии тоҷиконро бисёртар ҳифз нигоҳ доштаанд, рӯзмарра мебошад.

Вобаста ба зарурияти воқеии таҳқиқот муҳимияти мавзуъ аз он иборат мебошад, ки дар таърихнигории ватанӣ роҷеъ ба хусусиятҳои хоси этнографии тоҷикони рӯшонӣ, хусусан оид ба ҷашну маросимҳои онҳо таҳқиқоти алоҳида анҷом дода нашудааст. Ҳамин сабаб асоси мубрамияти мавзуъро муайян менамояд. Инчунин таҳқиқ намудани масъалаи мазкур имкон медиҳад, ки он ҷашну, маросимҳо, урфу одатҳои мардуми Рушон, ки аз байн рафтанд ва ё дар зинаи азбайнравӣ мебошанд, мавриди баркарору ҳифозат қарор дода шаванд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот аз таҳлил ва омӯзиши ҷашну маросимҳои таквимӣ-анъанавӣ, назар ба гузаштаи масъала ва муқоисаи он бо ҳолати имрӯза, муайян намудани сатҳи трансформатсия

(дигаргуншавӣ) дар кайдкунии ҷашнҳо ва гузарондани маросимҳои мардумии рушониён мебошад.

Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот хеле бой буда, дар рафти навиштани диссертатсия муаллиф аз сарчашмаҳои зиёди таърихӣ ва этнографӣ истифода намудааст.

Объекти таҳқиқот масъалаи ҷашну маросимҳои миллӣ-этникии тоҷикон ҳамчун меҳвари асосӣ дар муҳтавои рисола ҷой мегирад. Предмети таҳқиқотро таҳлили ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии мардуми Рушон фаро гирифтааст.

Навгониҳои илмии таҳқикот дар он ифода мегардад, ки бори аввал дар доираи як диссертатсия дар шакли мавзӯи мукаммал маълумоти ҷуғрофӣ-таърихӣ оид ба Рушон, тақвими анъанавии рушониён, ҷашну маросимҳои мардумӣ ва динӣ, ҷашну маросимҳо вобаста ба кишоварзӣ, урфу одат ва маросимҳо вобаста ба чорводорӣ, ҷашну маросимҳо вобаста ба доираи ҳаётии рушониён пешкаш гардидаанд.

Сохтори диссертатсия аз мукаддима, се боб, хулоса, номгӯи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши он, максад ва вазифаҳо, предмет ва объект, заминаи сарчашмашиносии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, навгонии илмӣ, асосҳои методологӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он муайян шудаанд.

Дар боби якум масъалаҳои маълумоти таърихӣ- ҷуғрофӣ оид ба Рушон, тақвими мардумӣ, ҷашну маросимҳои анъанавию динии мардуми Рушон оварда шудаанд. Дар боби дуюми диссертатсия ҷашну маросимҳои кишоварзӣ ва инчунин урфу одат ва маросимҳо вобаста ба чорводории рушониён инъикос ёфтаанд. Дар боби сеюми диссертатсия бошад оид ба ҷашну маросимҳои доираи ҳаётии рушониён сухан меравад.

Дар хулоса фикри ҷамъбастии диссертант оид ба мавзуъ ва пешниҳоду тавсияҳо роҷеъ ба таҳқиқоти минбаъда дар ин самт оварда шудаанд.

Саҳми шахсии довталаб аз он иборат аст, ки дар асоси маъхазҳо, таҳқиқоти саҳроӣ ва адабиёти илмӣ масъалаи мазкурро бори аввал таҳқиқ намудааст. Муаллиф, инчунин маросимҳои анъанавии мардуми Рушонро бо тоҷикони дигар минтақаҳои кӯҳистон муқоиса намуда, тафовутҳои ҷузии онро нишон додааст. Диссертант сарчашмаҳои зарурирo таҳлил намуда, хулосаҳои шахсиро баён карда, дар ҳамин асос диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти шахсии унвонҷӯй ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ мустақилона баён ва иҷро шудаанд.

Дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳои илмӣ пурра ҳал гардида, пешниҳод ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд. Натиҷаи муҳими диссертатсия дар он аст, ки бори нахуст масъалаҳои ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии мардуми Рушон дар асоси факту далелҳо пурра ва дақиқ таҳлил гардида, таҳқиқот шакли мукаммалу мушаххасро пайдо кардааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводи диссертатсия дар муаррифии фарҳанги этникии тоҷикон ва барои олимону муҳаққиқон дар раванди омӯзиши таърих ва этнографияи халқи тоҷик хизмат хоҳад кард. Натиҷаи таҳқиқотро метавон дар раванди таълими мардумшиноси халқи тоҷик, таърихи халқи тоҷик, маъхазшиносӣ ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик, фарҳангшиносӣ ва навиштани асарҳои бунёдӣ оид ба соҳаҳои мазкур мавриди истифода қарор дод.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашршудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳо инъикос ёфтааст.

Диссертатсия мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муқаррар намудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, комилан ҷавобгӯи он мебошад. Автореферати диссертатсия мазмуни онро дуруст инъикос менамояд. Дар ҳамин асос, диссертатсияи мазкур кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, ба дифои кушод тавсия карда шуд.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи ***«Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикониРушон»*** кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, он ба бандҳои асосии «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна – сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.07 – мардумшиносӣ, этнология ва антропология мебошад.

Роҳбари илмӣ,
мудири кафедраи таърихи
халқи тоҷики
ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои таърих,
дотсент **Сайнаков Сайнак Парпишоевич**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
тел.: + 992 934162099; E-mail: saynakov2012@mail.ru

Тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ **Абдукарим Мустафозода**

“04” 12 2023